## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Дар марҳилаи муосири рушди муносибатҳои бозорӣ ва густариши муомилоти гражданӣ масъалаҳои вобаста ба иҷрои дурусти уҳдадориҳои шартномавӣ аҳаммияти махсус касб намудаанд. Дар ин замина сифати мол ҳамчун яке аз унсурҳои асосии мазмуни шартномаи хариду фурӯш мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Таҷрибаи фаъолияти соҳибкорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ нишон медиҳад, ки қисми назарраси баҳсҳои гражданӣ маҳз вобаста ба риоя нагардидани шартҳои сифати мол ба миён меоянд. Аз ҳамин лиҳоз, таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии шарти сифати мол на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти калони амалӣ низ дорад.

*Мубрамияти мавзуи таҳқиқот*

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот инчунин бо он асоснок мегардад, ки дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ талабот нисбат ба сифати мол, ҳифзи ҳуқуқи харидор ва таъмини суботи муносибатҳои шартномавӣ боз ҳам бештар гардидааст. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои умумии вобаста ба сифати молро муайян намудааст, вале як қатор масъалаҳои вобаста ба тартиби муайян намудани сифати мол, санҷиши он, кафолати сифат ва оқибатҳои ҳуқуқии пешниҳоди моли бесифат то ҳол хусусияти баҳсталаб доранд. Дар чунин шароит таҳқиқи комплексии масъалаҳои мазкур аз нуқтаи назари илмӣ муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои диссертатсия ва самти таҳқиқот нишон медиҳанд, ки муаллиф масъалаҳои марбут ба сифати молро дар доираи танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ба таври пайгирона ва илмӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ*

Мавзуъ, муҳтаво ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.5.3 – «Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамоянд.

Дар доираи таҳқиқот масъалаҳои марбут ба танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла масъалаҳои вобаста ба сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш, моҳияти ҳуқуқии ӯҳдадориҳои тарафҳо, тартиби муайян ва таъмини сифати мол, инчунин оқибатҳои ҳуқуқии вайрон гардидани талаботи сифат мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтаанд. Самти таҳқиқот ба доираи масъалаҳое дохил мешавад, ки дар шиносномаи ихтисоси мазкур пешбинӣ шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили қонунгузории граждaнӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи маданӣ истифода гарданд.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта*

Диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло ба таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба шарти сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш бахшида шудааст. Муаллиф масъалаҳои марбут ба мафҳум ва моҳияти сифати мол, тартиби таъмини он, нақши шартҳои сифат дар иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии пешниҳоди моли бесифатро ба таври пайгирона мавриди таҳлил қарор додааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳои илмии диссертатсия бо истифодаи маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ таъмин гардидааст. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили низомнок, мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва диалектикӣ истифода шудаанд, ки ба муаллиф имконият додаанд масъалаҳои вобаста ба сифати молро аз нуқтаи назари назариявӣ ва амалии ҳуқуқи маданӣ таҳлил намояд.

Муаллиф меъёрҳои қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро бо баъзе таҷриба ва мавқеъҳои ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ муқоиса кардааст. Инчунин, дар таҳқиқот робитаи шарти сифати мол бо дигар шартҳои муҳими шартномаи хариду фурӯш, аз ҷумла предмет, мӯҳлат ва тартиби иҷрои ӯҳдадориҳо муайян гардидааст.

Дар маҷмӯъ, истифодаи пайдарҳами усулҳои таҳқиқотӣ, такя ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили мантиқии масъалаҳои баррасишаванда ба хулосаҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф асоснокӣ ва эътимоднокии зарурӣ бахшидааст.

*Навгонии илмии диссертатсия*

Навгонии илмии диссертатсия дар муносибати комплексии муаллиф нисбат ба масъалаҳои ҳуқуқии шарти сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш ифода меёбад. Дар таҳқиқот сифати мол на танҳо ҳамчун хусусияти техникӣ ё иқтисодӣ, балки ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки ба мазмун ва иҷрои ӯҳдадориҳои шартномавӣ таъсири мустақим мерасонад.

Муаллиф масъалаҳои вобаста ба сифати молро дар ҳамаи марҳилаҳои муносибатҳои шартномавӣ, аз ҷумла дар марҳилаи пешазшартномавӣ, таҳлил намуда, аҳаммияти дуруст муайян намудани талабот нисбат ба сифати молро барои пешгирии баҳсҳои ҳуқуқӣ ва таъмини иҷрои дурусти ӯҳдадориҳо асоснок кардааст.

Ҳамчунин, дар диссертатсия робитаи шарти сифати мол бо масъулияти гражданӣ ва ҳифзи ҳуқуқи харидор нишон дода шуда,

баъзе пешниҳодҳо ҷиҳати такмили танзими ҳуқуқии ин институт иброз гардидаанд.

*Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд*

Муаллиф барои ҳимоя як қатор нуктаҳои муҳими илмиро пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, асоснок карда мешавад, ки шарти сифати мол яке аз унсурҳои калидии шартномаи хариду фурӯш ба ҳисоб рафта, ба устувории муносибатҳои шартномавӣ таъсир мерасонад.

Ҳамчунин, таъкид мегардад, ки дар марҳилаи бастани шартнома талабот нисбат ба сифати мол бояд ба таври дақиқ муайян карда шаванд, зеро номуайянӣ метавонад боиси баҳсҳои ҳуқуқӣ ва халалдор гардидани иҷрои шартнома гардад.

Инчунин, дар рисола робитаи сифати мол бо масъулияти гражданӣ ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи харидор асоснок карда шудааст.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ*

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 13 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия нашр гардидаанд. Мақолаҳои илмии муаллиф натиҷаҳо ва мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд. Автореферат фишурдаи диссертатсия буда, мазмун, моҳият, ҳадаф, вазифаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ба таври мухтасар ва мантиқӣ инъикос менамояд

*Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия*

Таркиби рисола мутобиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, аз муқаддима, се боб, 6 фасл ва хулоса дар ҳаҷми 161 саҳифа, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 181 номгӯй иборат мебошад.

Дар мукаддима мубрамияти мавзуъ, дарачаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳкикот, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия муайян гардидаанд.

*Боби якуми диссертатсия* – «Асосҳои ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар ухдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии вобаста ба шарти сифати молро таҳлил намудааст.

*Дар зербоби якум* – «Мафҳум, мазмун ва аҳаммияти ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар ухдадориҳои шартномаи хариду фурӯш» мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии сифати мол, аҳаммияти он дар муносибатҳои шартномавӣ ва робитаи он бо масъулияти граждании мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

*Дар зербоби дуюм* – «Таносуби шартҳои сифати мол бо дигар шартҳои муҳимми шартномаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ вобаста ба бегона кардани амвол» масъалаҳои вобаста ба алоқамандии шарти сифати мол бо предмет, микдор, муҳлат ва дигар шартҳои муҳими шартнома таҳлил гардидаанд.

*Боби дуюми диссертатсия* – «Хусусиятҳои ҳуқуқии шартҳо оид ба сифати мол дар марҳилаҳои бастан, иҷро ва қатъи шартномаи хариду фурӯш» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад.

*Дар зербоби якум* – «Паҳлуҳои асосии таъмини сифати мол дар марҳилаи бастани шартномаи хариду фурӯш» масъалаҳои вобаста ба муайян намудани сифати мол ҳангоми бастани шартнома, истифодаи стандартҳо, талаботи техникӣ ва тавсифи хусусиятҳои мол мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

*Дар зербоби дуюм* – «Шартҳо оид ба сифати мол дар раванди иҷрои шартномаи хариду фурӯш» масъалаҳои вобаста ба иҷрои

ухдадорихои фурӯшанда, ҳуқуқи харидор ҳангоми ошкор гардидани нуқсонҳои мол ва воситаҳои ҳифзи ҳуқуқи харидор баррасӣ шудаанд.

*Боби сеюми диссертатсия* – «Оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби ухдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат» номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад.

*Дар зербоби* якум – «Мафҳум ва асосҳои ҳуқуқии ба миён омадани оқибатҳои иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби ухдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат» масъалаҳои вобаста ба асосҳои ҳуқуқии ба миён омадани масъулияти гражданӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии вайрон гардидани шартҳои сифати мол таҳлил гардидаанд.

*Дар зербоби дуюм* – «Навъҳо ва механизмҳои татбиқи оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби ухдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат» масъалаҳои вобаста ба иваз намудани мол, бартараф намудани нуқсонҳо, кам кардани нарх, ҷуброни зарар ва бекор кардани шартнома мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар маҷмӯъ, муҳтавои бобҳо ва зербобҳои диссертатсия пайдарҳамии мантиқӣ дошта, ба ҳалли мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ равона гардидаанд.

Ҷиҳати муҳими боби мазкур дар он ифода меёбад, ки масъалаҳои вобаста ба оқибатҳои ҳуқуқии пешниҳоди моли бесифат танҳо аз нуқтаи назари назариявӣ не, балки дар робита бо фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти мақомоти судӣ ва таҳияи шартномаҳои хариду фурӯш истифода шаванд.

Ҳамзамон, бо вуҷуди аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқот, диссертатсия аз баъзе қамбудиҳои ҷузъӣ холӣ нест.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия:

1. Муаллиф дар саҳифаи 48 рисола пешниҳод мекунад, ки мафҳуми «сифати мол» чунин таъриф дода шавад: «Сифати мол — мутобиқати маҷмуи хусусияти мол ба талаботест, ки дар шартнома ё стандарти давлатӣ ё регламенти техникӣ пешбинӣ шудааст». Ин таъриф ба функсияи муҳимтарини сифат дар муносибатҳои бозорӣ — қонеъгардонии талаботи оқилонаи харидор— беэътиноӣ мекунад. Дар ҳуқуқи муосири байналмилалии хусусӣ (масалан, Конвенсияи Вена оид ба хариду фурӯши байналмилалии мол, 1980, моддаи 35) сифати мол на танҳо бо шартнома ва стандартҳо, балки бо мақсадҳои одие, ки барои чунин мол муқаррар мешавад, муайян мегардад. Таърифи муаллиф ин ҷанбаро хориҷ кардааст, ки дар шароити ғайриимконии дастрасӣ ба стандартҳои давлатӣ ё регламентҳои техникӣ барои харидор, ҳифзи ҳуқуқи ӯро суст мекунад. Таърифи мафҳуми «сифати мол» ба се унсури асосӣ асоснок карда мешавад: 1) мувофиқат ба шартнома; 2) мувофиқат ба стандартҳо/регламентҳо; 3) мувофиқат ба мақсадҳои одие, ки мол барои он истифода мешавад.

2. Муаллиф дар параграфи 2.2 (саҳифаи 85 то 110) раванди қабули молро аз рӯи сифат таҳлил мекунад, аммо ин таҳлил бештар таснифии Дастури соли 1997 аст, на таҳлили ҳуқуқии мушкилоти муосири амалӣ. Дар шароити имрӯза, қабули мол дар савдои электронӣ ва занҷираҳои таъминот (аутсорсинги логистикӣ) ба таври куллӣ тағйир ёфтааст. Дастури соли 1997 ба ин робитаҳои нав мувофиқат намекунад. Масалан, дар сурати қабули мол тавассути платформаҳои интернетӣ ё терминалҳои логистикӣ, муайян кардани «салоҳиятнокии» комиссия ва «ҷои қабул» хеле душвор аст.

3. Муаллиф дар саҳифаи 144-145 пешниҳод мекунад, ки аз қисми 2 моддаи 543 КМ ҶТ калимаҳои «чандин маротиба ошкор гардидааст» хориҷ карда шаванд. Ин пешниҳод хеле хавфнок аст, зеро он ҳадафи қонунгузорро дар ҷудокунии «норасоии ҷиддӣ» аз дубора

таъмиршаванда ва ошкоршавандаи чандинкарата нест мекунад. Ин ду ҳолат дар амалияи судӣ байни ҳам тафовут доранд: «чандин маротиба ошкор гардидааст» — норасоиҳои гуногун дар қисмҳои гуногуни мол; «баъди бартараф намудан бӯз такрор меёбад» — норасоии ҳамон як камбудие, ки пас аз таъмир дубора пайдо мешавад. Ҳолати аввал (масалан, дар мошин дар давоми 3 моҳ 5 хел норасоии гуногун: муҳаррик, тормоз, шасси) метавонад ҷиддӣ бошад, ҳатто агар ҳар як норасоии алоҳида такрор нашавад. Хориҷ кардани ин калима ҳимояи харидорро дар чунин ҳолатҳо коҳиш медиҳад.

4. Муаллиф дар саҳифаи 157 пешниҳод мекунед, ки «Консепсияи рушди саноати зарфу борпечкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул карда шавад. Ба ҷои пешниҳоди Консепсияи нав, ба андешаи мо иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» (с. 2012) ё ба Регламенти техникӣ «Бехатарии борпечкунӣ» ворид карда шаванд, мувофиқимақсад аст. Масалан, моддаи нав дар бораи «Масъулияти иловагӣ истеҳсолкунандаи мол ва истеҳсолкунандаи борпеч барои сифати борпеч» пешбинӣ карда шавад.

Эродҳои болозикр хусусияти ҷузъӣ дошта, ба аҳаммияти илмӣ ва арзиши амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

*Аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия*

Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии таҳқиқот метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи маданӣ, махсусан масъалаҳои вобаста ба шарти сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш, мусоидат намоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллиф дар такмили қонунгузории гражданӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва фаъолияти шартномавӣ зоҳир мегардад.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия бошад, ба таҳкими ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ, баланд

бардоштани сифати муомилоти гражданӣ ва пешгирии баҳсҳои ҳуқуқии вобаста ба сифати мол алоқаманд мебошад.

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва тартиби таҳия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Сохтори таҳқиқот бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои илмии пешгузошташуда таҳия гардида, байни қисматҳои асосии он робитаи мантиқӣ нигоҳ дошта шудааст. Диссертатсия аз бобҳо, зербобҳо, хулоса, пешниҳодҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда мутобиқат менамояд.

Дар диссертатсия пайдарҳамии мантиқии масъалаҳои таҳқиқшаванда таъмин гардида, масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба шарти сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш ба таври низомнок таҳлил шудаанд. Услуби илмии баёни мавод нигоҳ дошта шуда, таҳлили масъалаҳо хусусияти илмӣ ва таҳлилӣ дорад. Муаллиф ҳангоми таҳияи диссертатсия аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, адабиёти илмии соҳавӣ ва маводи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ васеъ истифода намудааст, ки ин ҳолат ба асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии таҳқиқот мусоидат намудааст.

Ҳамчунин, барасмиятдарории иқтибосҳо, истинодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва дигар унсурҳои техникии диссертатсия ба талаботи санадҳои меъёрии амалкунанда ҷавобгӯ мебошад. Тартиби истифодаи манбаъҳои илмӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо риояи меъёрҳои қабулшудаи корҳои илмӣ амалӣ гардида, истинодҳо ва иқтибосҳои истифодашуда ба таври дуруст ва пайдарҳам пешниҳод шудаанд. Рӯйхати адабиёти истифодашуда муҳтавои таҳқиқотро инъикос намуда, фарогири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, адабиёти илмии соҳавӣ, корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин маводи амалияи

ҳуқуқтатбиққунӣ мебошад. Ин ҳолат аз муносибати ҷиддии муаллиф нисбат ба интихоби асосҳои назариявӣ ва манбаъҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Услуби илмии баёни мавод дар тамоми қисматҳои диссертатсия нигоҳ дошта шуда, тартиби пешниҳоди масъалаҳои таҳқиқшаванда ба хусусияти илмии рисола мутобиқ мебошад. Забони таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, мазмуни масъалаҳои баррасишавандаро пайдарҳам ва мантиқӣ инъикос менамояд. Дар диссертатсия риояи ягонагии услуби илмӣ, пайдарҳамии мантиқии таҳлил ва мутобиқати қисматҳои алоҳидаи таҳқиқот ба мақсад ва вазифаҳои пешгузошташуда таъмин гардидааст.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Диссертатсия ва автореферати он тибқи талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудаанд. Автореферат муҳтавои асосии таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои илмии бадастомадаро ба таври мухтасар ва мантиқӣ инъикос менамояд.

Мақолаҳои илмии интишорнамудаи муаллиф низ муҳтавои асосии таҳқиқотро фаро гирифта, натиҷаҳои муҳими илмии диссертатсияро инъикос менамоянд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳо ва маҷмуаҳои илмии тақризшаванда ба нашр расонида шудаанд.

Аз ин рӯ, диссертатсия ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бо дарназардошти аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақили илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
муовини директор оид ба корҳои илмӣ ва таълимии
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ ________ Сангинзода Д.Ш.
«_04_» ____06____ 2026

**Суроғаи муқарриз:**
734060, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Варзоб, хонаи №60
Тел.: +992 980850707
E-mail: doniyor_sanginov@mail.ru

Имзои **Сангинзода Д.Ш.**-ро тасдиқ менамоям:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ ________ Давлатмуродзода Б.Д.
«___04___» ____06____ 2026

**Суроғаи муассиса:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19;
Тел./ fax 8(992)37 221-65-72; 221-65-85, E-mail: idh@amit.tj,
Сайт: www. idhamit.tj